Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич дар мавзуи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Буриев Акмал Рачабалиевич ба яке аз мушкилоти мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи граждани бахшида шудааст. Унвонҷӯ мавзуро дар сатҳи баланди илмӣ таҳлил намудааст, ки натичаҳои бадастовардааш барои рушд ва такмили қонунгузории соҳа ва низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мачмуъ хеле судманд мебошанд. Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ин ақидаҳо ва хулосаҳои илмӣ бори дигар, бо дарназардошти инкишофи қонунгузории граждани оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ таҳлил карда шуда, вобаста ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ин масъала мавқеи муаллиф муайян карда шудааст. Дар рисолаи мазкур мафҳумҳои нави илмӣ, пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур пешниҳод гардидааст.

Бартарияти дигари таҳқиқоти анчомдодашуда дар он аст, ки он на танҳо бо таҳлилҳои назариявӣ ва илмии мавчуда, балки тачриба ва дастовардҳои амалия такя менамояд. Таҳлилҳои амиқи илмӣ, асосноксозии нуқтаҳои илмӣ бо ғояву афкори олимони варзидаи ватанӣ ва хоричӣ, такя ба амалия ва ғайра имконият додаанд, ки мавзӯи таҳқиқот хуб анчом дода шавад. Илова бар ин, то имрӯз масъалаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Онҳо сатҳи кофии навгонии илмӣ дошта, аз саҳми муаллиф дар таҳқиқи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон далолат мекунанд. Бар замми ин, дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия ақидаҳо ва хулосаҳои муаллиф пешниҳод карда мешаванд. Натичаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар хулосаи диссертатсия ифодаи худро ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

- муайян намудани асосҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- таҳлили нақши қонунгузории граждани дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- мушаххас гардонидани ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ;
- коркарди мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи граждани;
- нақш, ҷой ва моҳияти шартнома ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- муайян намудани мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- муайян намудани нақши шартномаи консессионӣ дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ;
- баррасии моҳияти созишнома оид ба тақсими маҳсулот дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ.
- таҳияи пешниҳоду тавсияҳо бобати такмил додани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиккунӣ дар соҳаи мазкур.

Объекти таҳқиқотро муносибатҳои ҷамъиятие ташкил медиҳанд, ки фарогири масъалаҳои муҳимми танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мебошанд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро андешаву назари олимон оид ба танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, муқаррароти қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ дар ин соҳа ташкил медиҳад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти бунёдии илмӣ оид ба мушкилоти истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар доираи ҳуқуқи граждани дар ҶТ мебошад. Дар диссертатсия дар асоси таҳлили имконоти захираи сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон, мушкилоти ҷойдошта ва проблемаҳои муносибатҳои танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян гардида, роҳҳои ҳалли онҳо нишон дода шудааст.

Чунончи, муаллиф маҷмӯи масъалаҳои зеринро баррасӣ кардааст, ки дар илми ҳуқуқшиносии муосир навгонӣ маҳсуб меёбанд:

1) нақши қонунгузории граждани дар танзими муносибатҳо оид ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян гардидааст;

2) мафҳум ва хусусиятҳои сарватҳои зеризаминӣ дар танзими ҳуқуқи граждани мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст;

3) мафҳум, хусусият ва таснифи шартномаҳо дар соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ асоснок гардидааст;

4) шартномаи консессионӣ ва дигар шартномаҳо дар танзими истифодаи сарватҳои зеризаминӣ муайян карда шудааст;

5) ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои молу мулкӣ ба сарватҳои зеризаминӣ асоснок карда шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Аз ҷумла, усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Зимни таҳияи диссертатсия муаллиф ба асарҳои олимони ватанӣ М.А. Маҳмудзода, М.З. Раҳимзода, Ш.М. Исмоилов, Ш.К. Ғаюров, А.Д. Ғафурзода, Ҷ.С. Муртазозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, У.А. Меликов, Р.Ҷ. Ҷабборов, Ф. Нодиров, Д.Ш. Сангинзода, Ш. Каримзода, Қ.Б. Қурбонов, М.М. Соҳибзода, Ф.А. Маҳмадшозода, И.З. Саъдиев, Б.Ғ. Наимов ва олимони хориҷӣ М.И. Брагинский, В.А. Белов, В.Е. Витрянский, Р.А. Какулия, А.Л. Мансуровна, Н.В. Данилова, Н.Б. Мухитдинов, А.Ф. Шарифуллина ва дигарон такя намудааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот. Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки хулосаҳои бадастомада ҳамчун асоси назариявӣ барои густариш ва рушди танзими ҳуқуқи граждании истифодаи сарватҳои зеризаминӣ баромад мекунанд. Натиҷаҳои ноилшуда, таклифҳо, хулоса ва дигар дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, хулосаҳои таҳқиқот метавонанд, ки ҳангоми таҳияи дастурамал, барнома, низомнома ва дигар ҳуҷҷатҳои дахлдори соҳа васеъ истифода бурда шаванд. Маводи рисоларо ҳангоми тадриси фанҳои таълимии ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, шартномаҳои ҳуқуқи граждани, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона,

навиштани рисолаҳои хатм, магистрӣ, диссертатсияҳо метавон ба таври васеъ мавриди корбаст қарор дод. Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назарияви ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Муаллиф қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ - эҷодӣ, таҳлили ҳаматарафа ва танқидии нуктаҳои назари илмӣ, асоснок намудани ақида ва мавқеи хешро дорад. Ҳамаи ин имконият додааст, ки таҳқиқоти рисолаи илмӣ ҳаматарафа ва пурра анҷом дода шавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло, муҳиммияти мавзуъ ва таҳқиқоти анҷомдодашуда, рисолаи илмии Буриев Акмал Раҷабалиевичро таҳқиқоти комил, хотимаёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи мавҷуда ҷиҳати таҳияи рисолаҳои илмӣ мешуморам, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор аст.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи наклиёт
ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табии
факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Қурбонов Қ.Б.

Суроғa: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918560707

Имзои Қ.Б. Қурбоновро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
«17» 09 2022 с.